# Маҷлиси ҳисоботии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 8 February, 2024 - 14:24

Дар робита ба дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2024, №22/10-18 «Ҷиҳати ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024» санаи 8-уми январи соли 2024, соати 10:00 маҷлиси ҳисоботии солонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлис роҳбарияти Кумита, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири бахши раёсати маориф, фарҳанг ва иттилоот муҳтарам Қувватзода Сайдулло, раиси Шурои ҳамгунсозии истилоҳот ва узви Ҳайати мушовараи Кумита, профессор Назарзода С., дотсенти кафедраи забони муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Точикистон Абдураҳмонова М. ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Точикистон Мансурӣ Ш., сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок намуданд.

Баъд аз садо додани Суруди миллӣ маҷлис ба кори худ оғоз намуд.   Муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. маҷлисро ифтитоҳ намуда, тибқи рӯзномаи ҷаласа , нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки ба раванди илму маориф иртибот доштанд, ба диққати ҳозирин расонид.

Дар идомаи ҷаласа муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. дар бораи фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024 гузориши муфассал ироа намуд. Дар муҳокимаи маъруза Қувватзода С., Назарзода С., Абдураҳмонова М., Мансурӣ Ш. ва сардорони шуъбаҳо суханронӣ намуда, дар маҷмуъ, фаъолияти Кумитаро дар соли гузашта қаноатбахш ва мусбат арзёбӣ намуданд.
Сипас, Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2024 тасдиқ гардид.

Дар варҷоми ҷаласа Раҳматуллозода С. зикр намуд, ки Кумита ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ тамоми неруи худро баҳри назорат ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарки амиқи сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Пешвои миллат оид ба рушди забони давлатӣ чораҳои муассир меандешад ва фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/6997?mini=2025-09

**Links**
[1] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/28 [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10